# Дониёл 1



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


СОЛИ 539 ТО МИЛОД
ДОНИЁЛ
500 СОЛ ПЕШ АЗ ТАВАЛЛУД ШУДАНИ МАСЕҲ
БАРОИ УРШАЛИМ ҶАНГИ БУЗУРГЕ БА АМАЛ ОМАД.


ПОДШОҲ ЕҲӮЁКИН, МО ҶОИ ГУРЕЗ НАДОРЕМ.
ҲАМ ДАРВОЗАҲОИ ШАРҚӢ, ҲАМ ДАРВОЗАҲОИ ҒАРБӢ ДАР ИҲОТАИ БОБИЛИЁН МЕБОШАНД.
ГУРЕХТАНРО ФАРОМӮШ КУНЕД! МО БОЯД БО ПОДШОҲ НАБУКАДНЕСАР СОЗИШ КУНЕМ, ВАГАРНА АЗ УРШАЛИМ ҲЕҶ ЧИЗ БОҚӢ НАМЕМОНАД.
БЕҲТАРАШ ИНРО БА СИДӮНИЁН ВА ҲИТТИЁН ГӮЙ, КИ Ӯ ОНҲОРО ТО ГАРДАН ЗЕРИ РЕГ КАРДА, БА ЛАШКАРИ САВОРААШ ФАРМУДААСТ, КИ БАР БОЛОИ САРҲОИ ОНҲО ГУЗАРАНД! АНА ЧӢ ТАВР АСТ СОЗИШ БО Ӯ!
БАЪЗЕҲОРО Ӯ ЗИНДА НИГОҲ МЕДОРАД ВА БА БОБИЛ МЕБАРАД.
ҲА, ВА ОНҲОРО ДАР БАНД НИГОҲ МЕДОРАД.
МО ГУФТУШУНИД КАРДА НАМЕТАВОНЕМ. МО ҶАНГИДА НАМЕТАВОНЕМ. ОЁ ҲАНӮЗ ЯГОН КОР КАРДА МЕТАВОНЕМ?


ПАС АЗ ЯКЧАНД ДАҚИҚА.
БИЁЕД! ПОДШОҲ ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД!
МАН ГУМОН ДОШТАМ ПОДШОҲ МЕГЎЯД, КИ УРШАЛИМ ҲЕҶ ГОҲ ФУРЎ НАМЕҒАЛТАД ВА ХУДИ ХУДО МОРО ҲИМОЯ МЕКУНАД.
НАХОД ПАРВАРДИГОР МОРО ТАРК КАРДА БОШАД?
НЕ, ДОНИЁЛ. ПОДШОҲОНИ МО ХУДОРО ТАРК КАРДААНД. ---
ШУМО! ИН ҶО БИЁЕД!
ШИТОБЕД, ПОДШОҲ ЕҲЎЁКИН МЕХОҲАД, КИ ТАМОМИ АҲЛИ ОИЛАИ ПОДШОҲ БА ТОЛОРИ АСЛИҲА БУРДА ШАВАД.
ОЁ ЛАШКАРИ БОБИЛИЁН САФИ ПОСБОНОНИ ПОДШОҲРО ШИКАСТА ГУЗАШТА МЕТАВОНАНД?
ФАВРАН! МО ДИГАР ВАҚТ НАДОРЕМ!
МО БАРОИ БЕХАТАРИИ ШУМО ҒАМХОРЇ МЕКУНЕМ.
ОЧА…


ҶАНГИДАН НАМЕТАВОНЕМ …
ГУФТУШУНИД КАРДАН НАМЕТАВОНЕМ…
ЯГОНА КОРЕ КИ КАРДА МЕТАВОНЕМ, –ЧУН ХАРГӮШҲО ДАР ҒОР ПИНҲОН ШУДАН АСТ …
…… БА ФИКРАМ, МО ДАР ҲЕҶ ҶОЙ ДАР БЕХАТАРӢ НАМЕШАВЕМ.
МУҚОБИЛАТ КАРДАН МАЪНОЕ НАДОРАД. ШУМО ВА ҲАМАИ ПИСАРОН АЗ АВЛОДИ ПОДШОҲ БА БОБИЛ БУРДА МЕШАВЕД.
УРШАЛИМ АКНУН АЗ ДИГАР ШАҲРҲО – АЗ ҲАТ, ДИМИШҚ Ё ЭҚРӮН ФАРҚЕ НАДОРАД. ҲАМАИ ОНҲО АКНУН БА БОБИЛ ТААЛЛУҚ ДОРАНД!!!
МАН ФАРМОН ДОРАМ! АГАР МУҚОБИЛАТ КУНЕД, ТАМОМИ ХОНАВОДАИ ПОДШОҲ НОБУД КАРДА МЕШАВАД.
САРБОЗОНРО БО ТАБАРҲО НАЗДИ МАН ОВАРЕД!


ҲАР КӢ ДАР РОҲАТОН ИСТОДА БОШАД, КУШЕД!
ПОДШОҲРО ЗАНҶИРБАНД КУНЕД.
ФАРЗАНДОНИ ПОДШОҲ ВА МОДАРОНИ ОНҲОРО БА АРОБАҲО БОР КАРДА БА БОБИЛ ФИРИСТЕД.
БОҚИМОН-ДАҲОРО КУШЕД.

ДОНИЁЛ 1:3


САРБОЗОНИ БОБИЛӢ БА ПЕШ ШИТОФТА, ТАМОМИ УРШАЛИМРО КОФТУКОВ КАРДАНД.
ДАР КӮЧАҲО САДҲО АСИРОНИ БА ЯКДИГАР ЗАНҶИРБАНД КАРДАШУДА ҚАТОР ИСТОДА БУДАНД.
ПАДАР!


ПОДШОҲ НАБУКАДНЕСАР ДАСТУРҲОИ ҚАТЪӢ ДОДААСТ! ҲАМАИ ПИСАРОНИ ПОДШОҲ ВА МОДАРОНИ ОНҲО БОЯД БО АРОБАҲО БА БОБИЛ ФИРИСТОДА ШАВАНД
ОДАМОНИ ТУ ОН ҶО ЧӢ КАРДА ИСТОДААНД?!
ОН ЧИ ПОДШОҲ ВАЪДА КАРДААСТ.
ҒАНИМАТҲО АЗ ТОЛОРИ ЯКУМИ ДОХИЛИ ҚАСР.
ОДАМОНИ МАН ИН ЧИЗҲОРО АЗ МАЪБАДИ ХУДОИ ОНҲО ГИРИФТААНД.
МАЪЛУМ АСТ, КИ ИН БА ОНҲО ЧӢ ҚАДАР МАДАД РАСОНД.
ИН ҒАНИМАТРО ГИРИФТАНИ ШУМО МУМКИН НЕСТ.
АММО, ОХИР, ПОДШОҲ…
ПОДШОҲ ФАРМУД, КИ ҲАМАИ ЗАРФҲОИ МАЪБАД ҲАМРОҲИ ЯҲУДИЁН БА БОБИЛ ФИРИСТОДА ШАВАНД.

ДОНИЁЛ 5:3


ЗАНҲОРО АЗ ФАРЗАНДОН ҶУДО КУНЕД. БЕҲТАРИН ФАРЗАНДОН БАРОИ ХИЗМАТИ ПОДШОҲ ИНТИХОБ КАРДА МЕШАВАНД. ВА БЕҲТАРИН ЗАНОН … БАРОИ САРЛАШКАРОНИ Ӯ.
НЕ! ШУМО ҲАҚ НАДОРЕД ПИСАРИ МАРО ГИРЕД …
ПИСАРАМ, ПИСАРАМ!
ОЧА!!
ДОНИЁЛ… ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ БА ТУ ОМӮЗОНДА БУДАМ, ДАР ЁД ДОР…



ДОНИЁЛ 1:3-4


ПАС АЗ ХАРОБ ШУДАНИ УРШАЛИМ ЯҲУДИЁНИ ЗИНДАМОНДА БА САФАР ТАЙЁР ШУДАНД.
АКНУН ЧӢ МЕШАВАД, ДОНИЁЛ?
МАН ШУНИДАМ, ОДАМОН МЕГӮЯНД, КИ ХУДО АЗ МО РӮ ГАРДОНДААСТ, АЗАРИЁ!
НЕ, ҲАНОНИЁ, ХУДО ҲАМЕША БО МОСТ.
ҲА. ХУДО БО МОСТ …
…БА ҲАР ҶОЕ КИ РАВЕМ …
…БА ХОНАИ НАВ – БА БОБИЛ.
ДОНИЁЛ 1:3




ҲАМИН ТАРИҚ, ПОДШОҲ НАБУКАДНЕСАР, ТАВОНОТАРИН ШАХС ДАР ОН ЗАМОН, БО ҲАМРОҲИИ ЛАШКАРИ ВАФОДОР ВА АСИРОНИ НОТАВОН, БА ХОНА, БА ЯКЕ АЗ ҲАФТ МӮЪҶИЗАИ ДУНЁИ ҚАДИМ БО ҒАЛАБА БАРГАШТ...
БОБИЛ!


БА ИН БИНО НИГОҲ КУНЕД!
ОН АЗ ХОНА ХЕЛЕ КАЛОНТАР АСТ!
АКНУН ИН ХОНАИ МОСТ.
БЕЛ-ЗУР! БО ФАРМОНИ ПОДШОҲ -----
--- МАН БЕҲТАРИН ВА ХУШАНДОМТАРИН ҶАВОНОНИ ЯҲУДИРО НАЗДИ ТУ ОВАРДАМ, ТО ОНҲОРО ДАР АКАДЕМИЯИ ХУД ТАЪЛИМ ДИҲӢ.
ЧӮБИ КОРКАРДНАШУДА, ЧУН ҲАРВАҚТА. АММО ҲАТТО АЗ ЧӮБИ ТОБПАРТОФТАТАРИНИ БУЛУТ НИЗ ЧАРОҒДОНИ БЕҲТАРИН СОХТАН МУМКИН АСТ.
ОНҲОРО БА МАНЗИЛҲО ДАР ОШЁНАИ ДУЮМ БАРЕД.
ПАС АЗ ОН КИ ОНҲО ЛИБОСҲОЯШОНРО ИВАЗ МЕКУНАНД, НАЗДИ ДИГАРОН БА ХӮРОКХӮРӢ МЕОЯНД.


ДОНИЁЛ 1:4



БОҒҲОИ МУАЛЛАҚИ БОБИЛ.
ОШХОНАИ АКАДЕМИЯИ ПОДШОҲӢ.
ХӮРДАНРО САР КУНЕД!
АЗ АТОҲОИ САХОВАТМАНДОНАИ ДАСТУРХОНИ ПОДШОҲ ҲАЛОВАТ БАРЕД!
ИН ХӮРОК…
ХӮРОКИ БОБИЛИЁН АСТ.
ХӮРОКИ БУТПАРАСТОН.
МО ЧӢ ТАВР ИНРО ХӮРДА МЕТАВОНЕМ?
БАРОИ ИН ТАНҲО ЯК ҶАВОБ ҲАСТ…


ИНҲО ҲАМОНҲОЕ МЕБОШАНД, КИ ТУ ДАР БОРААШОН ГУФТА БУДӢ?
ҲА. ҲАМОНҲО. БОТАРБИЯТАРИН ШОГИРДОНИ МАН, АММО ОНҲО МАРО БЕШ АЗ ДИГАРОН БЕЗОБИТА МЕКУНАНД.
ДАР СЕ РӮЗИ ОХИР ШУМО ҚАРИБ ҲЕҶ ЧИЗ НАХӮРДАЕД.
ОЁ МЕФАҲМӢ, КИ БО МАН ЧӢ МЕШАВАД, АГАР ПОДШОҲ БИНАД, КИ ШУМО АЗ ДИГАР ҶАВОНОН ХАРОБТАР ҲАСТЕД?
МО ГУРУСНАЕМ.---
ХЕЛЕ ГУРУСНАЕМ.
АММО МО НАМЕТАВОНЕМ ГӮШТ Ё МАЙИ ОВАРДАИ ШУМОРО ИСТЕЪМОЛ НАМОЕМ.
ИН ХӮРОКВОРӢ БА ХУДОЁНИ ШУМО БАХШИДА ШУДААСТ.
МО НАМЕТАВОНЕМ ХУДРО БО БУТПАРАСТӢ НОПОК НАМОЕМ.
ИН ФАҚАТ ХӮРОК АСТ! АЗ ХӮРДАНИ ОН ЧӢ ЧИЗ ФАРҚ МЕКУНАД?
АГАР ХУДОИ ШУМО ХАШМГИН ШУДА БОШАД, БИГУЗОР ПОЁН ОМАДА, ХУДАШРО ҲИМОЯ КУНАД.
ПОДШОҲ ХЕЛЕ ТУНДМИЗОҶ АСТ ВА КАСОНЕРО, КИ АЗ ӮҲДАИ ФАРМОНҲОИ Ӯ НАМЕБАРОЯНД, ЗУД ҶАЗО МЕДИҲАД!
МАН САРАМРО АЗ ДАСТ ДОДА МЕТАВОНАМ!


РӮЗИ ДИГАР.
ДОНИЁЛ, НАХОД ОНҲО ҲАР РӮЗ БА МО ҲАМИН ГУНА ХӮРОК МЕДОДА БОШАНД?
МО БОЯД ДУРУСТ РАФТОР НАМОЕМ.
АФСӮС, КИ ОН ЧИ ДУРУСТ АСТ, МОРО ГУРУСНА МЕГУЗОРАД .
ҲМММ…


НИСФИРӮЗӢ, РӮЗИ СЕЮМ.
ҲАМАИ ШОГИРДОН МЕТАВОНАНД РАВАНД.
ЯҲУДИЁН БОЯД БИМОНАНД.
БЕЛ- ЗУР БО ШУМО ГАП ЗАДАН МЕХОҲАД.
ДИГАРОНРО БА МАНЗИЛҲОЯШОН БАРЕД.
ЧӢ ГАП ШУДААСТ, ХОҶААМ?
АЗ ПАЙИ МАН БИЁЕД.


ДОНИЁЛ 1:9-10


САРАМ ҲАР ҚАДАР БАДАФТ БОШАД ҲАМ, МАН БА ОН ХЕЛЕ ОДАТ КАРДААМ!
МО БА ШУМО ПЕШНИҲОДЕ ДОРЕМ, КИ БА МО ИМКОН МЕДИҲАД ПАРҲЕЗИ ЯҲУДИЁРО РИОЯ НАМОЕМ …
…ВА БА ШУМО ЁРӢ МЕДИҲАД, КИ САРАТОН ДАР АМОН БОШАД.
ГӮШ МЕКУНАМ.
БО МО ДАР ДАВОМИ ДАҲ РӮЗ ОЗМОИШ ГУЗАРОНЕД. БА МО ФАҚАТ НАСК, САБЗАВОТ ВА КАБУДӢ ДИҲЕД.
ВА… ТАНҲО ОБ БАРОИ НӮШИДАН.
БАЪД?
ПАС АЗ ДАҲ РӮЗ БУБИНЕД, КИ ОЁ МО АЗ КАСОНЕ КИ ХӮРОКИ ШУМОРО МЕХӮРАНД, СОЛИМТАР МЕТОБЕМ Ё НЕ.
ВА АГАР ПАС АЗ ДАҲ РӮЗ СОЛИМТАР НАТОБЕД ЧӢ?
МО БА ҲАР ҲОЛ ГӮШТ ВА МАЙРО АЗ ДАСТУРХОНИ ПОДШОҲ ИСТЕЪМОЛ НАМЕКУНЕМ.
ФАҚАТ ДАҲ РӮЗ..
БИГУЗОР МАН ҲАТТО НАМЕФАҲМАМ, КИ ЧАРО БОЯД ИН КОРРО КУНАМ.
БЕЛ-ЗУР, ЧУНИН БИКУН!
ХУБ, МАЙЛАШ!
АЗ ПАГОҲ САР КАРДА БА ЯҲУДИЁН ФАҚАТ САБЗАВОТ ВА ОБ ДИҲЕД!
УМЕДВОРАМ, КИ ХУДОЯШОН ОНҲОРО ҚУВВАТ МЕДИҲАД …


ДАҲ РӮЗ ПАС.
БЕЛ-ЗУР, ШОГИРДОНАТ ХЕЛЕ БАРДАМ МЕТОБАНД!
ХУСУСАН ИН ЧОР ЯҲУДӢ! ОНҲО НАМУНАИ ОЛИИ КАМОЛОТИ ҶИСМОНӢ ВА АҚЛОНӢ МЕБОШАНД. ПОДШОҲ МАҲЗ ҲАМИНРО МЕХОҲАД!
ОН ЧИ МЕХОСТЕД, БА ДАСТ ОВАРДЕД.
САРИ ШУМО ҲАМ БАРБОД НАРАФТ.


ИМРӮЗ БЕҲТАРИН РӮЗИ МАН АСТ, ҲАМАИ СИТОРАҲО ҶОНИБДОРИ МАНАНД!
ПОДШОҲ МЕХОҲАД БО ШУМО ГАП ЗАНАД – ВА ПЕШРАФТИ ШУМОРО БИНАД.
МАН НАМЕФАҲМАМ – ШУМО БЕҲТАРИН ГӮШТ ВА МАЙИ ХУДОЁНРО ИСТЕЪМОЛ НАМЕКУНЕД, АММО ДАР МУҚОИСА БО ҲАМАИ ДИГАРОН БАРДАМТАР МЕТОБЕД
ОЁ ПЕШ АЗ ОН КИ БО ПОДШОҲ ВОХӮРЕМ, ЯГОН ХЕЛЕ ДАСТУРҲО МЕДИҲЕД?
ФАҚАТ БА САВОЛҲОИ Ӯ ҶАВОБ ДИҲЕД ВА НА ЗИЁДА АЗ ОН. Ӯ ХЕЛЕ БЕТАҲАММУЛ АСТ.
БОЗ ЧИЗЕ ГУФТАНӢ ҲАСТЕД?
Ӯ БАРОИ ХӮРОКВОРӢ ВА ТАҲСИЛОТИ ШУМО ХАРОҶОТИ БИСЁР МЕКУНАД. Ӯ ИНТИЗОРИ НАТИҶАҲОСТ.
Ӯ ХЕЛЕ ПЕШГӮИНАШАВАНДА АСТ ВА ТУНДМИЗОҶИИ Ӯ ДАР ҲАР ЛАҲЗА АЛАНГА ГИРИФТА МЕТАВОНАД. БА ҲАМАИ САВОЛҲОИ Ӯ ҶАВОБ ДИҲЕД.
ВА АГАР НЕ, САРАМОН, КИ БА ОН ХЕЛЕ ОДАТ КАРДАЕМ, БАРБОД МЕРАВАД?
ҲАҚИҚАТАН


ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ БА ТУ ЁД ДОДААНД, ДАР ЁД ДОР.
...ВА БИГУЗОР ХУДОЯТ БО ТУ БОШАД.
ВА ПОДШОҲ БА ШОГИРДОНИ ЯҲУДИИ ХУДРО АЗ НАЗАР ГУЗАРОНД ...
ҲАР КАДОМИ ОНҲО ОН ЧИРО, КИ ДАР АКАДЕМИЯИ ПОДШОҲ ОМӮХТА БУДАНД, НИШОН ДОДАНД
ТО ДАМЕ КИ ПОДШОҲ ГУФТ...
ИН МАҲЗ ҲАМОН САТҲЕСТ, КИ МАН УМЕДВОРИ ОН БУДАМ.


ПАС АЗ ЧАНДЕ ПОДШОҲ ХОБИ НООРОМ ДОШТ ...
АААҲҲҲ....!
ХУДОЁН БА МАН ГАП ЗАДАНД.
ДАР АКАДЕМИЯИ ...
МАН НАМЕФАҲМАМ.
ПОДШОҲ ЧУНИН МЕҲИСОБАД, КИ ШУМО, ЯҲУДИЁН, АЗ ДИГАР ШОГИРДОН ДАҲ БАРОБАР ДОНОТАР ҲАСТЕД.
ҲАНОНИЁ, БЕШТАР САБЗАВОТ.
ҲАМАИ ҒАЙБДОНОН, АФСУНГАРОН, МУНАҶҶИМОН ВА ШОГИРДОНИ ОНҲО БОЯД ФАВРАН ДАР ТОЛОРИ НИМРӮ ҲОЗИР ШАВАНД.
АЗ ПАЙИ МАН ОЕД.
БАРОИ ЧӢ?


ДАР ТОЛОРИ НИМРӢ.
МАН, АРЮК, АЗ НОМИ ПОДШОҲ ГАП МЕЗАНАМ.
БО ФАРМОНИ ПОДШОҲИ БУЗУРГ НАБУКАДНЕСАР --
ҲАМАИ ҒАЙБДОНОН, АФСУНГАРОН, МУНАҶҶИМОН ВА ШОГИРДОНИ ОНҲО …
…ҲАНГОМИ ҒУРУБ ҚАТЛ КАРДА МЕШАВАНД.
БА ПОДШОҲ ЧӢ ШУДААСТ?
ОН ЧИ Ӯ МЕТАЛАБАД, ИҶРОНАШАВАНДА АСТ! ЧӢ ТАВР МО МЕТАВОНЕМ ФИКРИ КАСИ ДИГАРРО ФАҲМЕМ ВА ХОБИ ӮРО БАЁН НАМОЕМ?!
ЧАРО ПОДШОҲ БОЯД ШУМОРО БО САРПАНОҲ ВА ХӮРОК ТАЪМИН НАМОЯД, ДАР ҲОЛЕ КИ ШУМО ЯГОНА ХОҲИШИ ӮРО ИҶРО КАРДА НАМЕТАВОНЕД?
БЕЛ-ЗУР, ОЁ МАРО НАЗДИ САРДОРИ ПОСБОНОН АРЮК БУРДА МЕТАВОНӢ? ОХИР, ТУРО НИЗ ҲАМРОҲИ МО КУШТА МЕТАВОНАНД.
БАРОИ ЧӢ, ДОНИЁЛ?
МАН ХОҲИШ МЕКУНАМ, КИ ТУ БА МАН ВА БА ХУДОИ МАН БОВАРӢ НАМОӢ – ЧУНОН КИ ПЕШТАР МЕКАРДӢ …


ДОНИЁЛ 2:12


БЕЛ-ЗУР ДАР БОРАИ ОДОБ ВА ХИРАДИ ТУ ГУФТА БУД, АММО МАН ФИКРИ ПОДШОҲРО ДИГАР КАРДА НАМЕТАВОНАМ.
СУХАНИ Ӯ ҚОНУН АСТ.
ПОДШОҲ ГУФТА БУД, КИ Ӯ АЗ ДОНИШИ МО МУТААССИР ШУДААСТ.
АЗ Ӯ ЯК ХОҲИШ КУНЕД.
НАҚШАИ БА ИН ҶО ОВАРДАНИ ҲАМАИ ИН ХАЛҚҲО ҲЕҶ ГОҲ БА МАН МАЪҚУЛ НАБУД.
ХУДОЁН ХАШМГИН ШУДААНД, КИ ШУМО БО ХУД ДИНҲОИ АҶИБИ ХУДРО ОВАРДАЕД.
МАН АЗ Ӯ ХОҲИШ МЕКУНАМ, АММО ҲЕҶ ЧИЗРО ИНТИЗОР НАШАВЕД.
ДАР БОРГОҲИ ПОДШОҲ.
АЗБАСКИ МАН ТУРО АЗ ДИГАРОН ДОНОТАР ЁФТААМ, РОЗӢ ШУДАМ БО ТУ ВОХӮРАМ, ЯҲУДӢ.
АММО МАН ҲАМАИ ШУМОРО ЯК ХЕЛЕ ДОВАРӢ МЕКУНАМ.
ҲАҚ БА ҶОНИБИ ШУМОСТ.


ПАС ЧАРО ПОДШОҲРО БЕЗОБИТА МЕКУНӢ, Ё ТУ АВВАЛИН ШУДА МУРДАН МЕХОҲӢ?
ТАЪБИРИ ХОБҲО НА АЗ ОДАМОН, БАЛКИ АЗ ҶОНИБИ ХУДОСТ.
ХУДОЁН БО ҚАЛЛОБОНЕ КИ ЛИБОСИ ҲАКИМОНРО ДАР БАР МЕКУНАНД, ГАП НАМЕЗАНАНД.
ХУДОЁН БА МАН ХОБЕ ДОДАНД, АММО МАЪНОИ ОНРО НАДОДААНД.
ШОҲАМ, ХОҲИШ МЕКУНАМ, ИМКОН ДЕҲ, КИ ХОБАТОНРО МАЪНИДОД КУНАМ.
ЯҲУДӢ, ТИ НИЗ МИСЛИ ДИГАР ҒАЙБДОНОН ҲАСТӢ, КИ КӮШИШ МЕКУНӢ ВАҚТИ БЕШТАРЕ БА ДАСТ ОВАРӢ.
АРЮК, ЧАРО ВАҚТИ МАРО БАРОИ ИН БЕҲИРАД САРФ МЕКУНӢ?
ШОҲАМ… САРДОРИ ХОҶАСАРОЁН БЕЛ-ЗУР МЕГӮЯД, КИ РӮҲИ ХУДОИ ҚУДДУС БО ӮСТ.
ШОҲАМ, ТУ ХУДАТ ДОНОИИ ӮРО ДИДАЙ …
ТУ ТАНҲО ЯК ИМКОНИЯТ ХОҲӢ ДОШТ. МАН БОЗ БА ЯК ХОБИ ДИГАР ТОБ НАМЕОВАРАМ – АГАР МАЪНОИ ОНРО НАФАҲМАМ, АЗ АҚЛ БЕГОНА МЕШАВАМ.
ФАҚАТ ҲАМОН ВАҚТЕ КИ КАСЕ ХОБАМРО БА МАН МЕГӮЯД, МЕФАҲМАМ, КИ БА МАЪНИДОДИ Ӯ БОВАР КАРДА МЕТАВОНАМ.
ДУРУСТ ГУФТӢ, ПОДШОҲИ БУЗУРГ. ЗЕРО ТАНҲО ХУДО ХОБҲОРО ТАЪБИР МЕКУНАД.


САҲАРӢ МО ХОБРО ХОҲЕМ ДОНИСТ …
…Ё АВВАЛИН ШУДА КУШТА МЕШАВЕМ.
ҲАМОН БЕГОҲ.
БО МАН ДУО ГӮЕД, ДӮСТОН, ВА АЗ ХУДОИ ОСМОН МАРҲАМАТ ДАРХОСТ НАМОЕД.
ВАГАРНА, ҲАМАИ МО ПАГОҲ БО Ӯ ВОМЕХӮРЕМ.


САҲАРӢ.
ОЁ ҲАМАИ ШУМО ТАЙЁРЕД ҲАМРОҲИ ДИГАР ҚАЛЛОБОН ВА ДУРӮҒГӮЁН, КИ ХУДРО ҒАЙБДОН МЕНОМАНД, БИМИРЕД?
ХУДО БА ХИРАДМАНДОН ХИРАД ВА БА ДОНОЁН ДОНИШ МЕДИҲАД.
Ӯ ЧИЗҲОИ АМИҚ ВА НИҲОНИРО ОШКОР МЕКУНАД; Ӯ МЕДОНАД, КИ ДАР ТОРИКӢ ЧӢ ҲАСТ ВА РӮШНОӢ БО Ӯ СОКИН АСТ.
БАҲОНАҶӮӢ БАС АСТ, ВАГАРНА САРИ ТУ ПЕШ АЗ ҲАМА БУРИДА МЕШАВАД, АГАР БОЗ ЯК РӮЗ ИНТИЗОР ШУДАНАМ ДАРКОР ШАВАД.
НА ҒАЙБДОНОН, НА ФОЛБИНОН БА ПОДШОҲ СИРРИ ӮРО ОШКОР КАРДА НАМЕТАВОНАНД, ЗЕРО ОН АЗ ХУДОСТ. ИН СИРР БА МАН НА АЗ ОН САБАБ ОШКОР ШУД, КИ МАН ҲИКМАТИ БУЗУРГ ДОРАМ, БАЛКИ БАРОИ ОН КИ ФИКРУ АНДЕШАҲОИ ДИЛАТ БА ТУ ОШКОР ГАРДАД.
ТУ, ЭЙ ПОДШОҲ, ҲАЙКАЛИ БУЗУРГЕРО ДИДӢ, КИ НАМУДИ БИСЁР ҲАВЛНОК ДОШТ. САРИ ИН ҲАЙКАЛ АЗ ТИЛЛОИ ХОЛИС, СИНА ВА БОЗУҲОЯШ АЗ НУҚРА, ШИКАМ ВА РОНҲОЯШ АЗ МИС БУД; СОҚҲОЯШ АЗ ОҲАН, ПОЙҲОЯШ ҚИСМАН АЗ ОҲАН ВА ҚИСМАН АЗ ГИЛ БУД.


ТУ ДИДАӢ, КИ САНГЕ КАНДА ШУД ВА ҲАЙКАЛРО ЗАД ВА ОНҲОРО ГАРД-ГАРД КАРД. ВА ОН САНГ, КИ ҲАЙКАЛРО ЗАДА БУД, БА КӮҲИ БУЗУРГЕ ТАБДИЛ ЁФТА, ТАМОМИ ЗАМИНРО ПУР КАРД.
ТУ…ТУ ХОБИ МАРО МЕДОНӢ!
АММО ОН ЧӢ МАЪНО ДОРАД?
ХУДОИ ОСМОН БА ТУ САЛТАНАТ ВА ТАВОНОӢ ДОДААСТ. ТУ ОН САРИ ТИЛЛОӢ МЕБОШӢ.
БАЪД АЗ ТУ САЛТАНАТИ ДИГАРЕ БАРПО ХОҲАД ШУД, КИ АЗ САЛТАНАТИ ТУ ПАСТТАР БОШАД.
БАЪД САЛТАНАТИ СЕЮМ, – САЛТАНАТИ МИСИН, – БАР ТАМОМИ ЗАМИН ҲУКМФАРМО МЕШАВАД.
ДАР ОХИР САЛТАНАТИ ЧОРУМИ ОҲАНИН МЕОЯД, КИ ҲАМА ЧИЗРО ПОРА-ПОРА МЕКУНАД. АММО МАРДУМИ ОН ОМЕХТА БУДА, МУТТАҲИД БОҚӢ НАМЕМОНАНД, ЧУНОН КИ ОҲАН БО ГИЛ ОМЕХТА НАМЕШАВАД.
ВА ДАР АЙЁМИ ОН ПОДШОҲОН ХУДОИ ОСМОН САЛТАНАТЕ БАРПО ХОҲАД КАРД, КИ ОН ТО АБАД БАРҲАМ НАХОҲАД ХӮРД.
ХУДО БА ТУ ОН ЧИРО, КИ ДАР ОЯНДА РӮЙ МЕДИҲАД, НИШОН ДОДААСТ.
ИН ХОБ ДУРУСТ АСТ ВА МАЪНИДОДАШ АНИҚ МЕБОШАД.
БА РОСТӢ ХУДОИ ШУМО ХУДОИ ХУДОЁН ВА ҲУКМФАРМОИ ПОДШОҲОН ВА ОШКОРКУНАНДАИ АСРОР МЕБОШАД, ЗЕРО КИ ТУ ТАВОНИСТӢ ИН СИРРО ОШКОР НАМОӢ.





ДОНИЁЛ 2:48-49


БА МАН БИГӮ, ДОНИЁЛ, ХАЛҚАТ ДАР БОРАИ ТУ ЧӢ ФИКР ДОРАД?
ДИГАР ЯҲУДИЁН БА МАН ЧУН КОРГАРОН ДАР КОРҲОИ СОХТМОН ВА ЧӮПОНОНИ РАМАҲОИ МАН КОР МЕКУНАНД.
АММО ТУ, ЧУН ШАХСИ БОВАРИНОКИ ФОТЕҲИ ОНҲО, ДАР НОЗУ НЕЪМАТ ЗИНДАГӢ МЕКУНӢ.
ЯҲВЕ МАРО БА ИН КОР ДАЪВАТ КАРДААСТ.
ХУДОЯТ БО ТУ ГАП МЕЗАНАД?
ҲАНГОМЕ КИ МАН ДУО МЕГӮЯМ, АНДЕША МЕКУНАМ ВА ШАРИАТИ ӮРО МЕХОНАМ, Ӯ БА МАН МУРОҶИАТ МЕКУНАД.
АЗ ҲАМИН САБАБ МО, ЯҲУДИЁН, ӮРО ХУДОИ ЗИНДА МЕНОМЕМ.
ХУДОЁН БАР МО ҲАЗЛ МЕКУНАНД ВА БО МО БОЗӢ МЕКУНАНД. АММО МАН ХЕЛЕ ШУБҲА ДОРАМ, КИ ОНҲО БО МО ГАП МЕЗАДА БОШАНД …
АММО ЯК ЧИЗ АНИҚ АСТ... ОНҲО МАРО БАРОИ ИДОРА КАРДАНИ МАРДУМ ИНТИХОБ НАМУДААНД.


МАЙДОНИ ДУРО
БУТПАРАСТӢ.
ХУДО ЎРО ФУРЎТАН МЕН АМОЯД.
ҒУРУРАШ БОИСИ НОБУДШАВИИ Ў МЕГАРДАД.


ТИЛЛОИ ХОЛИС. ҒУРУРИ ХОЛИС… ВА БУТПАРАСТӢ.
ОНҲО ГУФТАНД, КИ ҲАМА БОЯД ИН БУТРО ПАРАСТИШ КУНАНД. ШОЯД, МО, ЧУН САРВАРОН, АЗ ИН ОЗОД ХОҲЕМ БУД?
ШОЯД.
ПАС АЗ ОН КИ СОХТАНИ ҲАЙКАЛ БА ОХИР РАСИД.
ДАР ТАМОМИ ВИЛОЯТҲО ЭЪЛОН НАМОЕД, КИ ҲАМА БОЯД ДАР МАЙДОНИ ДУРО ҶАМЪ ШАВАНД.
ЗАНОНУ КӮДАКОН ҲАМ?
ҲАМА! ҲАМА БОЯД ДАР МАЙДОНИ ДУРО ҶАМЪ ШАВАНД …
ИН ЭЪЛОНРО ГӮШ КУНЕД!
ҲАМА! ҲАМА БОЯД ДАР МАЙДОНИ ДУРО ҶАМЪ ШАВАНД!
ҲАМА БОЯД ОМАДА, ХОҶААШОН ПОДШОҲРО ҶАЛОЛ ДИҲАНД!
… ҲАТТО МО.
Ӯ ФАРМУД, К ҲАМАИ ҲОКИМОНИ ВИЛОЯТҲО БИЁЯНД.
МО АЗ ҲАМИН ХАВФ ДОШТЕМ.
Ӯ ПУЛРО ДАРЕҒ НАДОШТААСТ, ТО ҲАМА ДАР БОРАИ БУЗУРГИИ Ӯ ШУНАВАНД.
МАЪЛУМ МЕШАВАД, КИ ПОДШОҲАМОН ҲАНӮЗ ХУБ НАФАҲМИДААСТ, КИ КИРО ПАРАСТИШ БОЯД КАРД.

ДОНИЁЛ 3:1-3


МАЙДОНИ ДУРО
ОЛИДАРАҶА!
БЕҲТАРИН ВОСИТАИ ШИКАСТ ДОДАНИ ДУШМАН – ДОНИСТАНИ ҶОЙИ СУСТИ ӮСТ, ВА ҲАТТО ЯҲУДИЁН ҶОИ СУСТ ДОРАНД.
ҶОИ СУСТИ ОНҲО ЧИСТ?
«...ҶОИ СУСТИ ОНҲО - ХУДОИ ОНҲОСТ».
«ИМРӮЗ ОНҲО Ё ШАРМСОР МЕШАВАНД, ҲАНГОМЕ ОН ЧИРО, КИ "БУТ" МЕҲИСОБАНД, САҶДА МЕКУНАНД ...»



ДОНИЁЛ 3:8


БА ШУМО ЭЪЛОН КАРДА МЕШАВАД, ЭЙ ҲАМАИ ХАЛҚҲО, ҚАБИЛАҲО ВА ЗАБОНҲО: ЧУН САДОИ ШАЙПУР, СУРНАЙ, ТОР, ЧИЛТОР, ЧАНГ, ҚЎШНАЙ ВА ДИГАР АСБОБИ МУСИҚИРО БИШНАВЕД…
АФТОДА, БА ҲАЙКАЛИ ТИЛЛОЕ КИ ПОДШОҲ НАБУКАДНЕСАР БАРҚАРОР НАМУДААСТ, САҶДА БАРЕД.
ВА ҲАР КӢ НААФТАД ВА САҶДА НАБАРАД, ДАРҲОЛ АНДАРУНИ КЎРАИ ОТАШИ СЎЗОН АНДОХТА ХОҲАД ШУД.
“АНДАРУНИ КЎРАИ ОТАШИ СЎЗОН АНДОХТА ХОҲАД ШУД”.


САДОИ АСБОБҲОИ МУСИҚӢ
ҲОЗИР?
БА ФИКРАМ…
ХОМӮШ БОШЕД ВА САҶДА КУНЕД!



ҲЕ-ҲЕ-ҲЕ! БЕҲТАР АЗ ОН ЧИ МАН ГУМОН ДОШТАМ.
ҲАР КАС СУСТӢ ДОРАД …
ШАДРАК! МЕШАК! АБДНАҶУ!
ПОДШОҲ БАРОИ БУНЁД НАМУДАНИ ИН ҲАЙКАЛИ ХУД ҲЕҶ ЧИЗРО ДАРЕҒ НАДОШТААСТ.
ПОДШОҲИ БУЗУРГ НАБУКАДНЕСАР ҚАРОР ДОД, КИ ҲАМА ҲАЙКАЛИ ӮРО САҶДА НАМОЯНД.
“ҲАМА САҶДА КУНЕД! САР ХАМ КУНЕД!”
ОНҲО АҲМАҚ ҲАСТАНД.
ОНҲО МЕМИРАНД.


ЗАБӮНАССАР, БА ТУ ИҶОЗАТ ДОДА МЕШАВАД, КИ БА ПОДШОҲ МУРОҶИАТ НАМОӢ.
МО ВАҚТИ ТУРО НАМЕГИРЕМ, ЭЙ ПОДШОҲ.
НАБУДАНИ ТАРС ВА ЭҲТИРОМ БА ПОДШОҲ БОЯД БАРҲАМ ДОДА ШАВАД, ДАР ҲАР ҶОЕ КИ БОШАД, ХОҲ ДАР ЛАШКАРИ ТУ …
… ХОҲ ДАР БАЙНИ ДАРБОРИЁНИ ТУ.
ДАР БАЙНИ ДАРБОРИЁН И МАН?
ЭЙ ПОДШОҲИ БУЗУРГ, ТО АБАД ДАР ТАВОНОӢ ВА ҚУДРАТ ЗИНДА БОШ.
АММО БАЪЗЕ АҶНАБИЁН ДИНИ БОБИЛРО ЭҲТИРОМ НАМЕКУНАНД ВА БА ФАРМОНҲОИ ПОДШОҲ ИТОАТ НАМЕКУНАНД.
ОН ЧИ МЕДОНӢ, БИГӮЙ.


ЯҲУДИЁНЕ КИ ВАЛИНЕЪМАТИ БУЗУРГ НАБУКАДНЕСАР ЗИНДА НИГОҲ ДОШТААСТ, ФАРМОНҲОИ ПОДШОҲРО САРФИ НАЗАР КАРДААНД.
…ДАВОМ ДЕҲ, ЗАБӮНАССАР.
ДИРӮЗ ҲАНГОМИ ҶАМЪОМАДИ БУЗУРГ, КИ ҲАМА ДАР МАЙДОН БАРОИ ҶАЛОЛ ДОДАНИ ПОДШОҲ ВА ҲАЙКАЛИ Ӯ ҶАМЪ ШУДА БУДАНД…
МО ДИДЕМ, КИ МУШОВИРОНИ БОВАРИНОКИ ПОДШОҲ САҶДА КАРДАНРО БА ҲАЙКАЛИ ПОДШОҲИ АБАДЗИНДА МАҒРУРОНА РАД КАРДАНД.
ЧӢ ЧУНИН КАРД!?
ШАХСОНИ ЯҲУДИЕ КИ ТУ ОНҲОРО БАР КОРҲОИ ВИЛОЯТИ БОБИЛ ТАЪЙИН НАМУДАЙ, ЯЪНЕ ШАДРАК, МЕШАК ВА АБДНАҶУ; ИН ШАХСОН ТУРО, ЭЙ ПОДШОҲ, ПИСАНД НАМЕКУНАНД.
ДАР ҲАР ҶОЕ КИ БОШАНД, ОНҲОРО НАЗДИ МАН ОВАРЕД.
ОНҲО БО МАРГИ ДАҲШАТНОКТАР ИН ХОҲАНД МУРД…


ҲАНГОМЕ КИ МАН ЗАМИНИ ШУМОРО ЗАБТ КАРДАМ, БА ШУМО РАҲМ КАРДА, НАКУШТАМ. МАН ШУМОРО СОҲИБМАЪЛУМОТ КАРДАМ, ПӮШОК ВА САРПАНОҲ ДОДАМ.
БА ХОТИРИ ДОНИЁЛ, МАН ШУМОРО СОҲИБМАНСАБ ГАРДОНДАМ.
ЭЙ ШАДРАК, МЕШАК ВА АБДНАҶУ, ОЁ ШУМО ҚАСДАН ХУДОЁНИ МАРО ИБОДАТ НАМЕКУНЕД ВА БА ҲАЙКАЛИ ТИЛЛОЕ КИ МАН БАРҚАРОР НАМУДААМ, САҶДА НАМЕБАРЕД?
АЛҲОЛ, АГАР ШУМО ТАЙЁР БОШЕД, ПАС ЧУН САДОИ ШАЙПУР, СУРНАЙ, ТОР, ЧИЛТОР, ЧАНГ, ҚӮШНАЙ ВА ДИГАР АСБОБИ МУСИҚИРО БИШНАВЕД, АФТОДА, БА ҲАЙКАЛИ ТИЛЛОЕ КИ МАН СОХТААМ, САҶДА БАРЕД, ХУБ ХОҲАД БУД.
ВАЛЕ АГАР САҶДА НАБАРЕД, ДАРҲОЛ АНДАРУНИ КӮРАИ ОТАШИ СӮЗОН АНДОХТА ХОҲЕД ШУД.
ОН ГОҲ КАДОМ ХУДО ШУМОРО АЗ ДАСТИ МАН РАҲО КАРДА МЕТАВОНАД?


ЭЙ НАБУКАДНЕСАР! МОРО ҲОҶАТИ ОН НЕСТ, КИ ДАР ИН БОРА БА ТУ ҶАВОБ ДИҲЕМ.
АГАР МО БА КӮРАИ ОТАШИ СӮЗОН ПАРТОФТА ШАВЕМ, ХУДОЕ КИ МО ӮРО ИБОДАТ МЕНАМОЕМ, ҚОДИР АСТ МОРО АЗ ОН БИРАҲОНАД, ВА АЗ ДАСТИ ТУ, ЭЙ ПОДШОҲ, НИЗ РАҲО ХОҲАД КАРД.
ВА ҲАТТО АГАР НА ИН ТАВР АСТ, ТУРО, ЭЙ ПОДШОҲ, МАЪЛУМ БОД, КИ МО ХУДОЁНИ ТУРО ИБОДАТ НАМЕКУНЕМ ВА БА ҲАЙКАЛИ ТИЛЛОИ ТУ, КИ БАРҚАРОР НАМУДАӢ, САҶДА НАМЕКУНЕМ.


ШУМО ҲАМИН ТАВР БА НЕКӮЙ ВА ХАЙРХОҲИИ МАН БО ХИЁНАТ АКСУЛАМАЛ МЕКУНЕД?
ХУДОИ ШУМО УРШАЛИМРО НАҶОТ НАДОД, ВА Ӯ ШУМОРО НИЗ НАҶОТ НАМЕДИҲАД!
МАНИНОХ!
ИНҲОРО БА НАЗДИ ҲАЙКАЛИ МАН БАРЕД!!!
… КӮРАРО АЗ ОТАШИ МУҚАРРАРӢ ҲАФТЧАНДОН БЕШТАР ОТАШ ДАРДИҲАНД!!!
ОВОЗАЕ РАСИДААСТ, КИ ДӮСТОНИ ЯҲУДИИ ТУ БА ҲАЙКАЛИ НАБУКАДНЕСАР САҶДА КАРДАНРО РАД НАМУДААНД.








**SUPERBIBLE.TV**